«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Мирализода Абдусалом Мустафо

«18» ____________ соли 2020

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Диссертатсияи Назирқулов Т.А. ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Баррасии ин масъала дар замони ҳозира дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёт, дар назди муассисаҳои таълимӣ, олии касбӣ, маориф, коллективҳои омӯзгорӣ талаботҳо ва вазифаҳои нав гузошта, боз ҳам аҳамияти баландро касб карда истодааст, ки муваффақият дар тарбияи насли муосири шоиста аз фаъолияти самарабахши онҳо вобастагии ҷиддӣ дорад.

Фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти касбӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок мубаддал гардидааст ва унсури муҳимми

омодасозии касбии мутахассиси ояндаи забони англисӣ ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди касбию шахсияти ӯ маҳсуб меёбад, ки дар фарогирии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ зоҳир мегардад.

Ҷузъи муҳимми таркибии ин раванд салоҳияти фарҳангӣ- ахлоқӣ мебошад, ки он аз маҷмӯи сифатҳои ҳамгирои шахсияти омӯзгор ҳамчун фарогирандаи донишу арзишҳои ахлоқӣ ва идеалҳо, принсипҳои ахлоқии рафтори касбӣ иборат аст ва чунин шахсият қодир ба рефлексияи омӯзгорӣ мебошад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳияти ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорон то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқ амиқан нокифоя омӯхта шудаанд. Ҳамаи ин мубрам будани коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳияти ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгориро тасдиқ менамояд.

**Мақсади таҳқиқот:** ошкор намудани асосҳои назариявӣ-методологии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда забони англисӣ ва коркарди технологияи педагогии ташаккули он дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди омодасозии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Предмети таҳқиқот:** роҳу усулҳои самараноки ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда забони англисӣ дар ҷараёни омӯзиши фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олиикасбии омӯзгорӣ.

Бо назардошти мақсад, объект, предмет ва фарзияи илмии пешниҳодшуда **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда шуданд:

1. Муайян намудани баррасии проблемаи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар адабиёти педагогию психологии муосир.

2. Таҳлили мазмун ва таркиби мафҳуми «салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ» ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми омодасозии касбию ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, инчунин имкониятҳои ташаккули он.

3. Дар амал санҷидани раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар таълими фанҳои тахассусии муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

4. Муайян намудани нақшу ҷойгоҳи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар заминаи фанҳои тахассусӣ.

5. Мақоми курси ҳамгирои «Забони муосири англисӣ ва муоширати ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгори оянда» дар ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ.

6. Коркарди тавсияҳои методӣ оид ба ташкили ҳамкории фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгор ва донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва қоидаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи ко́нсептуалӣ, ки ин имконият додааст дар асоси муносибатҳои фаъолиятнок ва босалоҳият масъалаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-аҳлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳал карда шавад, иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои бадастовардашуда самарабахш омӯхта шавад. Ширкати шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки вай КТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси махсуси

“Забони муосири англисӣ ва муоширати фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда” коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст.

**Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

1. Моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.

2. Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди омӯзиши фанҳои тахассусӣ муайян карда шуданд.

3. Роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбии онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард карда шуданд.

4. Вазифаҳои асосии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳангоми ташкили навъҳои гуногуни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва омӯзгор дар раванди таълими силсилаи фанҳои марбут ба забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мушаххас ва дақиқ карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: - ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ, ки тасаввуроти илмиро вобаста ба падидаи мазкури иҷтимоӣ-фарҳангӣ васеъ мегардонад; - асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат

мекунад; - коркард ва асоснок кардани технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва бо далелҳои муътамад илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:** Низоми таҳиягардидаи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои коркарди методикаи махсуси марҳила ба марҳила ташаккул додани раванди мавриди таҳқиқ ҳамчун асос хизмат кард. Самарабахшии методикаи пешниҳодшударо натиҷаҳои татбиқи он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилотии олии касбии омӯзгорӣ ва маводи методие, ки муаллиф таҳия кардааст, имкон медиҳад, ки методикаи махсуси коркардшуда доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар раванди омодасозии касбӣ ва рушди маданияти омӯзгории ӯ ба кор бурда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 182 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки 2 диаграмма ва 5 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои тадқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ»** масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти

фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори оянда ба ҳайси таркиби ҳамгирои сифатҳои шахсияти омӯзгор, ҳамчун фарогири донишҳои ахлоқӣ, арзишҳо, идеалҳои ахлоқӣ ва принсипҳои азхудкардаи рафтори касбӣ таҳлилу таҳқиқ карда мешавад.

Дар илми педагогика ба фарҳанг ҳамчун падидаи муҳими тарбиявӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Дар замони муосир, вақте ки фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ба ҳаёти маънавӣ-ахлоқии ҷомеа таъсир мерасонад, боиси тафриқоти маънавӣ, тағйир ёфтани гароишҳои арзишӣ дар ҳаёт, суқути низоми аввалияи ахлоқӣ ва низоми тамоюлҳои ахлоқӣ мегардад, бинобар ин, масъалаи мазкур боз ҳам муҳимтар мегардад. Натиҷаи ноустувории иҷтимоии ҳаёти ҷамъятӣ боиси паст шудани маънавиёти шахс ва фарҳанги ахлоқии он мегардад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, назарияе, ки метавонад асоси татбиқи илман асосноки усули салоҳиятноки таълим қарор дода шавад, бояд ба як қатор талаботҳои зерин ҷавобгӯй бошад: - аз тарафи аҳли илм ва ҷомеаи педагогӣ эътироф шуда бошад; - барои дарк ва тавзеҳи васеи маълумот ва далелҳои ба дастомада, инчунин таъмини имконниятҳои пешгӯйӣ ва асосноккунӣ, қудрати зарурӣ дошта бошад; - сермаҳсулии таҳсилот дар асоси салоҳиятнокӣ; - хусусияти технологӣ доштани раванди нави таълим; - ҳамгиро намудани омӯзиши фанҳо ва тарбияи иҷтимоӣ-ахлоқии донишҷӯён дар як маҷрои фаъолияти таълимӣ бошад.

Ба ҳамин тариқ, салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа ҷойгоҳи хоса дорад ва он на танҳо баробари маърифат, фарҳанги сиёсӣ, ҳуқуқӣ, бадеӣ-эстетикӣ, динӣ ва ахлоқӣ унсури таркибии ҷомеа, балки синтези муҳтавои инсонпарварии ҳамаи ҷузъҳои он мебошад.

Дар ин маврид салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳама вақт амалан синтези муҳтавои маънавии ин ҷузъҳои таркибии фарҳанги маънавӣ дар ҷанбаи инсонпарварии он ва дарки назариявии асоси фарҳанг дар шакли рефлексияи фалсафӣ-ахлоқӣ мебошад.

Муаллифи рисола таъкид мекунад, ки салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ аз ҳамгироии ҷузъҳои иттилооту донишҳо, арзишгароӣ ва фаъолияти шахсӣ таркиб ёфтааст. Бинобар ин, ҳар яке аз ҷузъҳои мазкур бо ҷузъҳои дигар алоқаманд буда, дар раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ вазифаи муайянеро иҷро менамояд.

Омӯзиши таърихи рушди афкори ахлоқӣ фарҳанги умумиро баланд мебардорад ва афкори шахсро ба низом медарорад. Муҳиммияти ин кор боз дар он аст, ки он дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ сурат мегирад, зеро давраи донишҷӯӣ давраи муҳимми ташаккули шахсият ба ҳисоб меравад.

Бешубҳа, афкори муосири педагогӣ решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Дар тӯли тамоми таърих инсон объект ва субъекти тарбия буд ва ба ин сифат боқӣ хоҳад монд. Таҷрибаи дар тӯли асрҳо оид ба тарбия ҷамъшуда ҳамроҳ бо донишҳои аз таҷриба ҳосилшуда (донишҳои эмпирикӣ), ки дар таҷриба санҷида шудаанд, ҷавҳари педагогикаи халқиро ташкил медиҳад.

Назарияи педагогикаи муосир, тавассути таҷрибаи мардумии тарбия ғанӣ гардидааст, имкон медиҳад, ки фарҳанги педагогии мардум баланд бардошта шавад ва ба он эътимод кард, ки оммаи халқ дар рушди афкори педагогӣ ҳамчун як бахши таркибии фарҳанги умумибашарӣ нақши муҳим дорад.

Дар боби дуюми таҳқиқот **«Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ»** таҳлили сатҳи ибтидоии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ, ташаккули салоҳияти мазкур дар чаҳорчӯби раванди таълими халоқиятӣ ва зарурати коркарди низоми методие, ки барои дарёфти натиҷаҳои муносиб доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ пешниҳод карда мешавад.

Ба андешаи муаллифи рисола, ҳама гуна низоми методии таълим мутобиқ ба ақидаҳои муайяни илмӣ тарҳрезӣ ва роҳандозӣ мешавад. Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун фаъолияти дорои мазмуну амалиёти муайян доир ба таъмини раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар раванди таълим ба назар гирифта мешавад, ки интихоби махсус ва дастабандии шакл, методҳо ва роҳу усулҳоеро фаро мегирад, ки барои дарёфти сатҳи миёна ва ё баланди салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ аз ҷониби омӯзгори оянда зарур мебошанд.

Чунин методика бояд тарҳрезии пешакии раванди ташаккули проблемаи мавриди таҳқиқро, ки сохтор ва муҳтавои фаъолияти омӯзиши маърифатии омӯзгориояндаи забони англисӣ, инчунин пуррагии раванди мазкурро ошкор месозад, таъмин намояд.

Ниҳоят, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди

таълими фанҳои тахассусӣ диссертант ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

Ҳамин тариқ, Назирқулов Т.А. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст. Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

**Эътимоднокии нуқтаҳои рисолаи илмӣ** бо роҳи муносибати комил ба масъалаҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ, вусъати асоси таҷрибавӣ-санҷишии он, муносиб будан бо вазифаҳои ҷустуҷӯи илмӣ, таҷдиди натиҷаи таҳқиқоти дарёфтшуда дар вақтҳои гуногун дастрас гардид. Инчунин дараҷаи асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шудаанд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия таъмин менамоянд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Хулосаи боби дуюми диссертатсия ба такмил ниёз дорад.
2. Чи дар матни диссертатсия ва чи дар автореферат хатоиҳои грамматикӣ, услубӣ ва имлоию техникӣ вомехӯранд.
3. Матни русии автореферат низ таҳрирталаб аст.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро то қадри имкон ислоҳ мекунад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 7 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад. Тақриз дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳ дар таърихи 30.04.2020, таҳти суратҷаласаи №9 аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ Лоиқов Парвиз тартиб дода шуд.

Роҳбари семинари илмӣ – назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ: Бозоров Хушвахт

Котиби семинари илмӣ – назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ: Файзуллоева Фирӯза Мадохировна

Ташхисгар, мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Номзади илмҳои педагогӣ: Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33 220) 2 35 06
E-mail: noib.ilm@kgu.tj

Имзои Бозоров Х, Файзуллоева Ф.М.
ва Лоиқов Парвиз Ҷумахоновичро тасдиқ менамоям,
сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус: Амиров Ф.А.